## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи унвончӯ Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми маркazии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 - Соҳаи илмҳои география)

**Акутуалии мавзӯъ.** Масъалаи омӯзиши омилҳои геоэкологӣ дар минтақаҳои осебпазир, аз ҷумла қисми марказии минтақаи Кӯлоб, дар шароити тағйирёбии иқлим ва таъсири фаъолияти антропогенӣ дорои аҳамияти назаррас мебошад. Афзоиши аҳолӣ, истифодаи нодурусти замин ва захираҳои табии, инчунин тағйирёбии иқлимӣ боиси шиддат гирифтани равандҳои эрозия, биёбоншавӣ ва ифлосшавии муҳити зист мегардад. Аз ин рӯ, интихоби мавзӯи таҳқиқот комилан саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Муаллиф мақсад гузоштааст, ки хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологиро дар қисми марказии минтақаи Кӯлоб таҳлил намояд. Дар ин замина, вазифаҳо ва муайянсозии омилҳои асосӣ, арзёбии таъсирӣ тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ ба ҳолати муҳити зист, ҳамчун таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ равона шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллифи кор аввалин маротиба хусусиятҳои шароити муҳандисӣ–геоэкологии минтақаро ошкор намуда, хусусиятҳои рушди равандҳои муҳандисӣ–геоэкологӣ ҳангоми фаъолияти техногенӣ муқаррар намудааст. Бори нахуст хавфҳои геоэкологӣ вобаста ба фаъолияти техногенӣ арзёбӣ шуданд ва харитаҳои типикунонию арзёбии хавфҳои геоэкологии минтақаи Кӯлоб тартиб дода шуданд. Ғайр аз ин тадбирҳо ва тавсияҳо оид ба паст намудани таъсирбахшии хавфҳои геоэкологӣ ва техногенӣ таҳия карда шуданд.

**Муҳимияти амалии кор** дар натиҷаҳои ба дастомадаи тадқиқот нишон дода шуда, он метавонад дар таҳияи барномаҳои минтақавӣ оид ба истифодаи оқилонаи

замин, пешгирии эрозия ва биёбоншавӣ, ҳифзи муҳити зист ва банақшагирии устуворӣ минтақа васеъ истифода шаванд.

**Мазмун ва сохтори корӣ илмӣ.** Аз матни автореферат бармеояд, ки тадқиқот дорои асоснокии назариявӣ ва амалӣ буда, сохтори он мутобиқ ба талаботи стандартӣ таҳия шудааст. Муаллиф бо истифода аз маводҳои саҳроӣ, оморӣ ва харитасозӣ ба натиҷаҳои воқеъбинона даст ёфтааст.

Бо вуҷуди сатҳи баландӣ илмӣ дар тадқиқот ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва омилҳои демографӣ камтар мавриди барасӣ қарор гирифтаанд. Инчунин тавсияҳо метавонанд бо мисолҳои мушахастар барои сохторҳои давлатӣ пурра гарданд. Лекин ин мулоҳизаҳо фақат характери тавсиявӣ дошта, қиммати илмии корро паст намекунад.

**Хулоса.** Диссератасияи унвонҷӯ **Асламов Бахтовар Раҷабалиевич** дар мавзӯи **«Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ»** аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Натиҷаҳои тадқиқот ба рушди илмӣ география ва геоэкология саҳми назаррас мегузорад. Унвонҷӯ **Асламов Бахтовар Раҷабалиевич** сазовори ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз руи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) мувофиқ дониста мешавад.

**Муқарриз:**

Мудири кафедраи география ва сайёҳии
ДДХ ба номи М.Назаршоев,
номзади илмҳои география ____________Карамхудоев Ҳ.Е.
имзо

Имзои Карамхудоев Ҳ.Е.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо коргузорӣ ва
корҳои махсуси ДДХ ба номи М.Назаршоев ____________ Саидраҳмонов Н.С.
имзо

27.08.2025

**Суроғаи муассиса:** 736 000 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хоруғ,
кӯчаи Шириншоҳ Шоҳтемур, 109.
Тел.: (+992 50 13347 25). Email:saidrahmonov2018@mail.ru